# ҚАРОРИ

## Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

**аз 04.07.2023** **ш. Душанбе**

Гузориши Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ, тақризи муассисаи пешбар – МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», тақризи муқаррizи расмии якум – **Салимӣ Носирҷон Юсуфзода**, доктори илми филология, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади муқарризони расмии дуюм ва сеюм – **Охониёзов Варқа Дустович**, доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови АМИТ ва **Файзуллоев Неъматҷон**, доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илми филология Л. Давлатбеков, Р. Восиева, А. Абдулназаров, Ш. Суфизода, Б. Мақсудов ва М. Солеҳовро шунида, баррасӣ карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ дода шавад.

4. Барои додани дипломи доктори илми филология ба Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Шарифзода Ф.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.

04.07.2023.